# ХУЛОСАИ
# Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и
# назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
# барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии № ____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20.05.2024, № 50

Дар бораи сазовор донистани Нуриддин Парвин Раймалихон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Нуриддин Парвин Раймалихон дар мавзуи “Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 9-уми феврали соли 2024 (Протоколи № 43) қабул гардидааст (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, тахти № 311/01шд).

Довталаби дараҷаи илмӣ Нуриддин Парвин Раймалихон 12-уми июни соли 1989 таваллуд шудааст. Ӯ соли 2012 Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россияро аз рӯйи ихтисоси идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ хатм намудааст.

Нуриддин Парвин Раймалихон дар муассисаҳои гуногун вазифаҳои мухталифро иҷро намудааст: солҳои 2013-2014 мутахассиси раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2014-2018 мутахассиси пешбари раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2018-2019 муовини сардори раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2019-2021 сардори раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2021-2023 мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Аз соли 2023 то имрӯз мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Ҳамзамон солҳои 2013-2017 ассистент, солҳои 2017-2019 муаллими калон ва солҳои 2019-2021 дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар ҳамкорӣ) фаъолият намудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ солҳои 2013-2015 унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, соли 2015 дар мавзуи «Трансформатсияи ҳизбҳои сиёсӣ ва системаи ҳизбии Афғонистон (таҳлили сиёсӣ)» диссертатсияи номзадиро аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 –

Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ гардид (20-уми апрели соли 2016, № 479/нк-3, Диплом КНД № 019525).

Инчунин довталаби дараҷаи илмӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2018 барои дастовардҳо дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ ба ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника сазовор дониста шудааст.

Зери роҳбарии Нуриддин Парвин Раймалихон ду нафар рисолаи номзадиро ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ гардиданд (Фармони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия "Дар бораи додани дипломи номзади илм" (ба Д. Ҳ. Назризода) тахти № 416/нк аз "17" апрели соли 2018; ва Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба дараҷаҳои илмӣ" (ба А. Ш. Раҳмонзода) аз "29" октябри соли 2021, № 289/ди).

Ба довталаби дараҷаи илмӣ бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ дода шуд (қарори раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми сентябри соли 2022, № 7, Шаҳодатнома ДДТ № 0459).

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мушовири илмӣ –** Зокиров Гулмаҳмад Нозимович, доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– Комилбек Амид Ёрбек, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев;

– Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини якум, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

– Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад, доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (шаҳри Кӯлоб) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси маҷлис, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ Э. А. Пирназаров, котиби маҷлис, доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ Р. Х. Файзов ва эксперт (омодасози лоиҳаи тақриз) доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ П. С. Назарзода таҳия гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи П. Р. Нуриддин дар мавзуи "Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи навгонии илмӣ, муҳим

будан, аҳамияти назариявию методологӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 32 ва 33-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Нуриддин Парвин Раймалихон дар мавзуи диссертатсия 2 монографияи илмӣ, 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар 6 конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ**
**аз рӯйи мавзуи диссертатсия**

**Монографияҳо:**

[1-М] Нуриддин, П.Р. Самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография [Матн] / П. Нуриддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – 170 с.

[2-М] Нуриддин, П.Р. Асосҳои сиёсати давлатии кадрҳо. Монография [Матн] / П. Р. Нуриддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 220 с.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[3-М] Нуриддин, П.Р. Баъзе хусусиятҳои Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 11. – С. 270-278. ISSN 2413-5151

[4-М] Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 12. – С. 267-273. ISSN 2413-5151

[5-М] Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, монеаҳо ва пешомади инкишофи он [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 5. – С. 272-283. ISSN 2413-5151

[6-М] Нуриддин, П.Р. Ташаккули сиёсати давлатии кадрҳо дар Аврупо ва Амрико [Матн] / П.Р. Нуриддин // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 4/1 (53). – С. 189-199. ISSN 2664-0651

[7-М] Нуриддин, П.Р. Марҳалаҳои пайдоиш ва ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 6. – С.283-293. ISSN 2413-5151

[8-М] Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатӣ оид ба кадрҳо дар кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров, П. Р. Нуриддин // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – № 1 (73), 2021. – С. 35-49. ISSN 2075-9584

[9-М] Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлоли давлатӣ [Матн] / П.Р. Нуриддин // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (50). – С. 223-232. ISSN 2664-0651

[10-М] Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрӣ дар давраи советӣ [Матн] / П.Р. Нуриддин // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4/2 (49). – С. 261-272. ISSN 2664-0651

[11-М] Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳо чун падидаи иҷтимоӣ [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 10. Қисми I. – С. 292-300. ISSN 2413-5151

[12-М] Нуриддин, П.Р. Таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо дар сиёсатшиносии муосир [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 9. – С. 382-389. ISSN 2413-5151

[13-М] Нуриддин, П.Р. Фаъолгардонии нақши зан дар дипломатия [Матн] / П.Р. Нуриддин // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – № 4 (72), 2020. – С. 37-47. ISSN 2075-9584

[14-М] Нуриддин, П.Р. Намунаи ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини амнияти миллӣ [Матн] / П.Р. Нуриддин // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – № 1 (69), 2020. – С. 19-33. ISSN 2075-9584

[15-М] Нуриддин, П.Р. Пешбар ва раҳнамои эҳёи миллӣ [Матн] / П.Р. Нуриддин, Р.Ш. Нуриддинов // Идоракунии давлатӣ. Нашрияи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019 (2). – С. 106-114. ISSN 2664-0651

[16-М] Нуриддин, П.Р. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2019. – № 3. Қисми I. – С. 298-303. ISSN 2413-5151

[17-М] Нуриддинов, П.Р. Сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати давлатӣ [Матн] / П.Р. Нуриддинов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – № 4 (63), 2018. – С. 29-37. ISSN 2075-9584

**Маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ:**

[18-М] Нуриддин, П.Р. Развитие молодежи через внедрение проектного управления и создание экосистемы для формирования квалифицированных кадров [Текст] / П.Р. Нуриддин. Государственная молодежная политика: практики и стратегии: Международная научно-практическая конференция

(г. Новосибирск, Российская Федерация, 2-3 июня 2022 г.). – Новосибирск, СИУ РАНХиГС при Президенте Российской Федерации, 2022.

[19-М] Нуриддин, П.Р. Пешвоии сиёсии Эмомалӣ Раҳмон: таҳлилӣ сиёсӣ [Матн] / П. Р. Нуриддин. Нақши Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими конуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди инноватсионии кишвар: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 15 ноябри соли 2023). – Душанбе: Матбааи, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 43-46.

[20-М] Нуриддин, П.Р. Манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ [Текст] / П.Р. Нуриддин. Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва 60-солагии таъсиси кафедраи сиёсатшиносӣ. (ш.Душанбе, 29 августи соли 2023). – Душанбе: Матбааи ДМТ. – С. 247-255.

[21-М] Нуриддин, П.Р. Государственная кадровая политика Республики Таджикистан в годы государственной независимости [Текст] / П.Р. Нуриддин. Становление и развитие внешней политики Республики Таджикистан за годы независимости: основные направления, принципы, приоритеты: республиканская научно-практическая конференция. г. Душанбе, РТСУ, 29 октября 2021 года.

[22-М] Нуриддин, П.Р. Сиёсат, давлат ва кадрҳо ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ: ҷанбаҳои назариявии мавзуъ [Матн] / П.Р. Нуриддин. Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили Истиқлолияти Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 12 майи соли 2021). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 113-121.

[23-М] Нуриддинов, П.Р. Муҳоҷирати зеҳнии муосир дар низоми равандҳои ҷаҳонишавӣ [Матн] / П.Р. Нуриддинов. Масъалаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ: мушкилот ва дурнамо: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 28 июни соли 2013). – Душанбе: МТС, 2013. – С. 139-147.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Фаттоҳзода Саидмурод Самад,** доктори илмҳои фалсафа, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

– сиёсати давлатии кадрҳо мафҳуму истилоҳи на танҳо илмҳои сиёсӣ, балки дигар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ мебошад. Дар авторферат пажӯҳиши мавзуи мазкур аз нигоҳи олимону коршиносони дигар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ дарҷ нашудааст.

– дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия мушкилоти имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартарафу ислоҳ кардани онҳо ба салоҳияти довталаби дараҷаи илмӣ мебошад.

**Сайидзода Зафар Шералӣ,** доктори илмҳои таърих, Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

– таваҷҷуҳи камтар намудани муаллиф ба чунин ҷанбаи асосии сиёсати кадрӣ, ҳамчун “механизми поксозии” муассир дар раванди интихоби кадрҳои элита дар зинаҳои олии системаи идоракунии давлатӣ;

– ба таҳлили муқоисавии сиёсати кадрии дигар давлатҳои муосири Осиёи Марказӣ муаллифи таҳқиқот таваҷҷуҳи камтар намудааст.

**Савинов Леонид Вячеславович,** доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва сиёсати соҳавии Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, аъзои комиссияи экспертии Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия дар самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

– асарҳои олимони тоҷик, ки ба масъалаҳои ташаккули сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, ба қадри кофӣ истифода нашудаанд;

– муаллифи рисола ба таҳлили системаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи нокифоя намудааст.

**Бирюков Сергей Владимирович,** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, профессори кафедраи таърихи Донишгоҳи давлатии тиббии Кемерова (Федератсияи Россия). Тақриз мусбат аст ва се эрод дорад:

– муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷиҳати таҳрирӣ ва услубӣ такмили минбаъдаро талаб менамояд;

– шояд муаллиф мушаххас намояд, ки кадом намунаи миллии ташкили хизмати давлатиро дар шароити муосир бештар муассир медонад;

– ба ғайр аз ин, муаллифро зарур аст қайд намояд, ки маҳз кадом роҳи баланд бардоштани самаранокии хизмати давлатиро дар шароити муосир афзалиятнок мешуморад, яъне бо пурзӯр намудани назорати ҷамъиятию шаҳрвандӣ ё бо пурзӯр намудани назорати маъмурӣ аз болои дастгоҳи давлатӣ.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “30” июни соли 2021, таҳти № 267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “26” июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешаванд, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла оид ба захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо, фаҳмиши шаклии сиёсати давлатии кадрҳо, марҳалаҳои асосии пайдоиш, таҳлили раванди ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо, таҳқиқу таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар даврони шӯравӣ ва давлатҳои рушдёфтаи Ғарб, асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, хусусиятҳои асосии Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, самтҳои сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарёфти роҳҳои такмили пояҳои

сиёсӣ ва ахлоқии фаъолияти кадрӣ корҳои назарраси таҳқиқотӣ доранд. Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти омӯзиши мавзуъҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воситаҳои амалӣ намудани он саҳми босазо дорад ва ба масъалаҳои ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳаввулоти идеалҳои рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои сиёсӣ аҳамияти хоса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– мавзуи сиёсати давлатии кадрҳо бори нахуст дар илмҳои сиёсии ватанӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст ва асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо вобаста ба марҳалаҳои гуногуни инкишофи донишҳои сиёсӣ таҳқиқ гардидааст;

– масъалаи муайян кардани фаҳмиши шаклии сиёсати давлатии кадрҳо, таҳқиқу баррасӣ намудани роҳҳои дарки моҳиятии мавзуи таҳқиқот мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд;

– марҳалаҳои асосии пайдоиш, таҳлили раванди ташаккул ва натиҷагириҳои назарияи сиёсати давлатии кадрҳо омӯзиш ва коркард шудаанд;

– дар бораи сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ, таҳия ва татбиқи омӯзиши таҷрибаи онҳо бо мақсади дарки муассирияти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт таҳлили муқоисавӣ гузаронда шудааст;

– асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти ниҳодҳои дахлдори давлатӣ перомуни мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;

– Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳои асосии он муқаррар шудаанд ва роҳу воситаҳои такмили он дар доираи манфиатҳои миллӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои дурнамоии давлат муайян гардидаанд;

– бори аввал низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ислоҳоти хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор гирифтаанд;

– самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи омӯзиши қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ, рушди низоми оияндабинии давлатӣ, таҳлили барномаҳои давлатӣ, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи мазкур муайян гардидаанд;

– бори нахуст мушкилот, монеаҳо ва пешомади сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои такмили пояҳои сиёсӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии фаъолияти кадрӣ таҳқиқ ва мушаххас гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар мавзуи диссертатсионӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми назариявию методологӣ, илмӣ ва асоси таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳои сиёсати давлатии кадрҳо ва таъсири онҳо ба соҳаи дигари инкишофи сиёсии ҷомеа истифода шаванд. Таҳқиқот бо натиҷаи коркардҳои назарияи технологияҳои кадрӣ, ки дар донишҳои сиёсии муҳаққиқони классики илмҳои сиёсӣ ва муҳаққиқони шинохта, ки дар асоси онҳо муаллиф намунаҳои сиёсати давлатии кадрҳоро тақсимбандӣ намуда, инчунин ҷамъбасти назариявӣ, хулосаҳои дақиқ, тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, бештар рӯзмарра гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар пешбурди фаъолияти касбии мутахассисон дар коркардҳои иттилоотию таҳлилӣ ва хулосагирии корҳои амалӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии инкишофи сиёсии ҷомеа муфид мебошанд.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд.** Натиҷаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар пажӯҳиши минбаъдаи масъалаҳои гуногуни сиёсати кадрӣ, хусусан, ислоҳоти сиёсати давлатии кадрҳо ва ба афзоиши самаранокии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва идораи ҷомеаи Тоҷикистон, таъмини рушди ҷомеа мусоидат намояд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавии мавзуи мазкур дар баъзе давлатҳои рушдёфтаи Ғарб коркард шудаанд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқот ҳангоми ташаккули самтҳои сиёсати давлатии кадрҳо, таҳияи барномаҳои давлатӣ, нақшаҳо ва амалӣ намудани онҳо, ҳамзамон ҳангоми такмили сиёсати давлатии интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, дар марҳалаҳои машваратдиҳӣ ба кормандони хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ оид ба масъалаҳои рушди касбӣ ва болоравӣ дар мансаб дар мақомоти ҳокимият ва идоракунӣ низ мусоидат менамояд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода шавад. Инчунин, арзиши назариявию методологии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳои таҳлилӣ ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияи илмӣ ва тағйирпазирии равандҳои сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии истифодаи самаранок дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои мушаххаси таҳқиқот тавассути асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар мухолифат надоштани онҳо бо назарияи сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илмҳои сиёсӣ ифода меёбад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии расмӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили мавзуи диссертатсия маҳсули бисёрсолаи фаъолияти илмии муаллифи таҳқиқот мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллифи диссертатсия роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявию методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натаҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаби дараҷаи илмӣ ба шумор мераванд.

Ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ аз рӯзи 20-уми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Нуриддин Парвин Раймалихон ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 12 нафар иштирокчиён, ки дар ҷаласаи шуро ширкат доштанд, овоз доданд: тарафдорон – 12, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа /________________/ Ҷононов С.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /________________/ Акрамӣ З. И.

20-уми майи соли 2024